# ТАҚРИЗ

ба автореферати диссертатсияи **Каримова Дилором Отахӯҷаевна** “Асосҳои илмӣ-методии таълими забони тоҷикӣ дар факултетҳои ғайрифилологӣ (дар заминаи матнҳои тахассусӣ)” барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.08 – Назария ва методикаи таҳсилоти касбӣ (13.00.08.04 – Назария ва методикаи фанҳои гуманитарӣ (таҳсилоти касбӣ))

Рисолаи илмии ба дифоъ пешниҳодшуда воқеан ҳам қобили эътибор ва эътироф буда, ба коркарди низоми мураттаби таълими забони тоҷикӣ дар пояи методологияи илмӣ ва таҷрибаи пешқадами аз ҷиҳати илмӣ асоснок ва дар таҷриба санҷидашуда бо назардошти ихтисоси донишҷӯёни риштаи “Таърих ва ҳуқуқ” дар заминаи матнҳои тахассусӣ бахшида шудааст.

Мехоҳем чанд нуктаи муҳимро дар бобати таҳқиқоти анҷомёфта тазаккур диҳем. Пеш аз ҳама, унвонҷӯй дар заминаи пажуҳиши асосҳои илмӣ-методии таълими забони тоҷикӣ дар факултетҳои ғайрифилологӣ ба бозёфти роҳу усулҳои ташаккули фарҳанги нутқи донишҷӯён дар заминаи матнҳои тахассусӣ (ихтисоси Таърих ва ҳуқуқ) муяссар шудааст. Таваҷҷуҳи муаллиф ба таҳлили вазъи таълим ва омӯзиши забони тоҷикӣ дар факултетҳои ғайрифилологии муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ, китобҳои дарсӣ, бознигарии барнома, силлабусҳо ва дастурҳои таълимӣ, маводи дарсии марбути ихтисос собит кардааст, ки мақоми матн ҳамчун категорияи лингвистӣ ва методӣ дар партави таъмини муносибати босалоҳият ба таълими забони тоҷикӣ дар факултетҳои ғайрифилологӣ ба самти аъло ва авлои раванди омӯзиш бояд қарор ёбад.

Дар рисолаи илмӣ коркард ва таҳияи маҷмӯи машқҳо аз фанни забони тоҷикӣ барои донишҷӯёни факултетҳои ғайрифилологӣ (ихтисоси “Таърих ва ҳуқуқ”) дар робита ба ташаккули малакаҳои коммуникативӣ-иртиботӣ ва нутқи мураттаб пешниҳод гардида, бори нахуст дар илми лингводидактикаи ватанӣ коркарди асосҳои илмӣ-методии таълими

забони тоҷикӣ дар факултетҳои ғайрифилологӣ дар робита бо илмҳои лингвистика, педагогика, психология ва дидактика ба амал оварда шудааст.

Диссертант таълими забони тоҷикиро ҳамчун забони давлатӣ дар партави муносибати босалоҳият ба таълим дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ роҳандозӣ намуда, ба моҳияти аслии муносибати босалоҳият ба таълим равшанӣ андохтааст. Дар айни замон муаллифи рисола мушкилоти мавҷударо дар самти татбиқи амалии муносибати босалоҳият ба таълим мушаххас кардааст. Низоми мураттаби машқҳо ва матнҳои тахассусӣ барои донишҷӯёни факултетҳои ғайрифилологӣ (ихтисоси “Таърих ва ҳуқуқ”) дар робита ба ташаккули малакаҳои коммуникативӣ-иртиботӣ ва рушди нутқи мураттаб корбаст пешниҳод гардидааст.

Хусусият ва бартарии дигари рисолаи илмӣ дар он аст, ки мазмун ва мундариҷаи таълими фанни забони тоҷикӣ дар факултетҳои ғайрифилологӣ аз нигоҳи хусусиятҳои лексикӣ, грамматикӣ дар робитаи ногусаста бо матнҳои таълимии тахассусӣ таҳлил ва хулосабандӣ шудааст.

Натиҷаи корҳои озмоишӣ-таҷрибавӣ дар самти ташаккули салоҳиятмандӣ ва фарҳанги нутқи донишҷӯёни факултетҳои ғайрифилологӣ собит сохтааст, ки донишҷӯён дар заминаи матнҳои тахассусӣ дар роҳи иҷрои талаботи стандартҳои фаннӣ ва барномаи таълим беш аз пеш ба фазои салоҳияти забонӣ ва коммуникативӣ ворид мегарданд. Зимни амсилаи пешниҳодкардаи муаллиф ташаккули маҳорату малака ва салоҳиятмандии донишҷӯён дар муқоиса ба таълими анъанавӣ ба маротиб рушд ёфтааст. Сабаби асосӣ истифодаи васеъ аз матнҳои тахассусӣ ҳамчун маводи ёридиҳандаи таъмини муошират озод дар раванди таълими забони тоҷикӣ дар факултетҳои ғайрифилологӣ маҳсуб меёбад.

Мехоҳем боз як ҷиҳати амалии рисоларо арзёбӣ намоем. Муаллиф ҳангоми кор кор бо матнҳои тахасуссӣ ба шарҳи вожаҳои душворфаҳм,

тафсири истилоҳот, таҳлили муҳтавои матн, интихоб ва синонимикунонии калимаҳо, эҷоди матн аз ҷониби донишҷӯён бо тартиб додани нақшаи пешакӣ аҳаммияти калон додааст. Зиёда аз ин, ҳангоми ба низом даровардани системаи машқҳо таснифи усулҳо ва роҳу равиши инкишофи нутқ, ташаккули маданияти сухан ва нутқ, пайдарпайии мантиқонаи баёни фикр аз ҷониби омӯзандагон ба миён гузошта шудааст.

Аз муаллиф хоҳиш ба амал оварда мешавад, ки дар заминаи рисолаи илмӣ дастури комили таълимӣ-методӣ оид ба омӯзиши забони тоҷикӣ барои факултетҳои ғайрифилологӣ ва доираи васеи омӯзгорон ва муҳассилини макотиби олии ҷумҳурӣ таҳия ва нашр гардонад.

Автореферати мазкур бо забони хеле суфта ва илмӣ таҳия гардида, диссертатсия барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯи ихтисоси 13.00.08 – Назария ва методикаи таҳсилоти касбӣ (13.00.08.04 – Назария ва методикаи фанҳои гуманитарӣ (таҳсилоти касбӣ) ҷавобгӯ ва муаллифи он **Каримова Дилором Отахӯҷаевна** сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯи ихтисоси зикршуда мебошад.

**Муқарриз:**
номзади илмҳои педагогӣ, мудири кафедраи
забонҳои тоҷикӣ ва русии
Донишгоҳи технологии Тоҷикистон **Ваҳобова А. А.**

**Маълумот барои тамос:**
Ваҳобова Азиза Абдуллоевна
Донишгоҳи технологии Тоҷикистон
734061, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе,
кӯчаи Н.Қарабоев 63/3
**Тел:** +992 (918) 82 23 07 (моб.)
**E-mail:** aziza.vakhobova @ mail.ru

30.03.2024

**Имзои А.А. Ваҳобоваро** тасдиқ мекунам:
Сардори РК ва КМ ДТТ **Бухориев Н.А.**

ДОНИШГОҲИ ТЕХНОЛОГИИ ТОҶИКИСТОН * ТЕХНОЛОГИЧЕСКИЙ УНИВЕРСИТЕТ ТАДЖИКИСТАНА * ШУЪБАИ КАДРҲО ОТДЕЛ КАДРОВ